***ТДУ 1МН7***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-1-117-121***

## ***КОНСЕПСИЯИ ТАЪРИХӢ-ПЕДАГОГИИ ХОРИҶӢ ОИД БА ФАРҲАНГИ МУОШИРАТИ ПЕДАГОГӢ***

***Шаропов Шавкат Аҳмадович,*** *д.и.п., профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров»;* ***Комилова Гулбаҳор Дорулҳаётовна,*** *н.и.п., Коллеҷи омӯзгории МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров»(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## ***ЗАРУБЕЖНАЯ ИСТОРИКО-ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ КОНЦЕПЦИЯ О КУЛЬТУРЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОБЩЕНИЯ***

***Шаропов Шавкат Ахмадович,*** *д.п.н., профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова»;* ***Комилова Гулбахор Дорулхоятовна,*** *к.п.н., Педагогического колледжа ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова»(Таджикистан, Худжанд)*

## ***FOREIGN HISTORICAL AND PEDAGOGICAL CONCEPT ABOUT THE CULTURE OF PEDAGOGICAL COMMUNICATION***

***Sharopov Shavkat Akhmadovich,*** *Doctor of Pedagogy, Professor of the Department of Social and Professional Pedagogy of SEI "Khujand State University named after acad. B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** *sharofzod1954@mail.ru;* ***Komilova Gulbahor Dorulhayotovna,*** *Candidate of Pedagogical Sciences, Pedagogical College of SEI "Khujand State University named after acad.B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *sharif_Abdu@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ***: *консепсияи таърихӣ-педагогӣ, фарҳанги муошират, муошırати педагогӣ, фаъолияти педагогӣ, омӯзгор, хонанда, муносибат, рушд, ташаккул*

*Дар мақола масъалаҳои фарҳанги муошırати педагогӣ дар консепсияи таърихӣ-педагогии хориҷӣ баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки муошırати педагогӣ воситаи асосии ҳалли вазифаҳои таълим, тарбия ва рушди шахсии хонанда ба ҳисоб рафта, ба бунёди муҳити созгори равонӣ вазъи мувафақи раванди таълиму тарбия ва самаранок ноил шудан ба мақсадҳои педагогӣ равона карда шудааст. Хулоса карда шудааст, ки омузиш ва таҳлили консепсияи хориҷии таърихӣ-педагогӣ имконият медиҳад, ки омӯзгорон фаъолияти таълимиву тарбиявиро дар ҳамаи шаклҳои муассисаҳои таҳсилотӣ танҳо дар заминаи ташкили хуби муошırати педагогӣ самаранок ба роҳ монанд.*

***Ключевые слова:*** *историко-педагогическая концепция, культура общения, педагогическое общение, педагогическая деятельность, педагог, учащийся, отношения, развитие, формирование*

*Рассматривается вопросы культуры педагогического общения в зарубежной историко-педагогической концепции. Отмечается, что педагогическое общение являясь важным средством решения образовательно-воспитательных задач и развития учащегося, способствует созданию нормальной психологической обстановки и успешной организации учебно-воспитательного процесса и достижению эффективности в решении педагогических задач. Делается вывод о том, что изучение и анализ зарубежной историко-педагогической концепции о культуре педагогического общения дает возможность педагогам на основе рационального использования педагогического общения эффективно организовать учебно-воспитательную деятельность во всех типах учебно-образовательных учреждениях.*

***Key words***: *historical and pedagogical concept, culture of communication, pedagogical communication, pedagogical activity, teacher, student, relations, development, formation*

*The article deals with the issues of the culture of pedagogical communication in the foreign historical and pedagogical concept. It is noted that pedagogical communication, being an important means of solving educational problems and students' development, contributes to the creation of a normal psychological environment and the successful organization of educational process and the achievement of efficiency in solving pedagogical problems. It is concluded that the study and analysis of the foreign historical and pedagogical concept of the culture of pedagogical communication enables teachers to effectively organize teaching and educational practices in all types of educational institutions based on the rational use of pedagogical communication.*

Яке аз ҷанбаҳои басо мураккаби фаъолияти педагогӣ муошírати педагогӣ ба ҳисоб меравад. Муоширати педагогӣ сохтори муҳими ҳамкорӣ дар фаъолияти омӯзишу парвариши омӯзгорону хонандагон ба ҳисоб меравад. Бо истифода аз маҷмӯи воситаҳои калолию тасвирӣ, рамзиву ҷунбишӣ муоширати педагогӣ амали коммуникативӣ ва идрокро татбиқ месозад. Муошират мушкилоти махсусан муҳим ва марказии илми педагогика маҳсуб мeёбад. Вай воситаи асосии ҳалли вазифаҳои омӯзишу парвариш ва рушди шахсии хонанда ба ҳисоб рафта, ба бунёди муҳити созгори равонӣ, вазъи мувафақи раванди омӯзишу парвариш ва самаранок ноил шудан ба мақсадҳои педагогӣ равона карда шудааст. Аз ин лиҳоз барои ҳар як омӯзгор донистани моҳияту муҳтавои мафҳуми «фарҳанги муоширати педагогӣ» барои самаранок созмон додани раванди фаъолияти педагогӣ мусоидат менамояд.

Барои муайян сохтани моҳияту муҳтавои мафҳуми «фарҳанги муоширати педагогӣ» моро зарур мегардад, ки ба баррасии таърихии ин категория пардозем. Ин ба далели ин воқеъият аст, ки дар ҳолати васеъ паҳн кардани тамоми тадқиқотҳои нави ба омӯзиши муошират нигаронидашуда маърифати қаблан дар ин замина ҳосилшуда, муҳим аст.

Таҳлили таҷрибаи пешқадами педагогӣ, фаъолият ва мероси эҷодии омӯзгорони пешин нишон медиҳад, ки ба санъати муошират бо бачагон эътибори калон зоҳир мешуд. Бисёр нафарон онро абзори муҳими таъсирасонии педагогӣ меҳисобиданд, ки самаранокии раванди таълиму тарбияроомӯзишу парваришро таъмин мекунад.

Ҳанӯз файласуфони Юнони қадим Суқрот, Арасту, Афлотун, Квинтилиан ва дигарон ба маҳорати иртиботӣ эътибори калон медоданд: «Агар номбар кардани номи инсоне, ки нахустин шуда арзиши фарҳангӣ ва инсонии муоширати байни одамонро дарк кардаву суҳбатро ба санъати ҳақиқат табдил дода зарур гардад, пас ӯ Суқрот аст» [5].

Ба масъалаи фарҳанги малакаи воизии омӯзгорон педагогҳои машҳури Аврупои Ғарбӣ Я.А.Коменский, Ж.Ж.Руссо, И.Г.Песталотси, А.Дистверг ва дигарон эътибор додаанд. Ж.Ж.Руссо бо такя ба принсипи муносибати фардӣ зидди қолабу тасодуф ва нусхаҳои кӯҳна дар ташкили муошират буд. Ӯ ба малакаи савол додан диққат дода гуфтааст: «Санъати пурсиш чандон осон нест, ки онро мепиндоред. Аниқтараш, ин санъати омӯзгорон аст, на ин ки шогирдон. Бояд, ки бисёр донист, то ин ки пурсид оне, ки намедонад» [7, с.152-153].

Дар ҳалли масъалаҳои муоширати педагогӣ сотсиалистҳои хаёлпараст ҳиссаи калон гузоштаанд. Р.Оуэн баробари дониши фанни таълимдодашаванда ва болида кардани рӯҳияи кӯдак аз педагог сухани хуш, донистани қонунҳои муоширати инсонӣ, намуди зоҳириву услуби истифодаи онро дар таҷриба талаб мекард. Кор кардан аз болои суханронӣ, намуди зоҳириву услуби хешро ӯ дар сохтори тарбияи насли оянда омили зарур мешуморид [7, с.90-91].

Э.Кабе чунин андеша дошт, ки омӯзгорон бояд санъати таҳаммулпазириро омӯзанд, малакаи амалии ба дигарон дода тавонистани дониши худро соҳиб шаванд. Ӯ беэҳтиромӣ нисбати кӯдакро комилан рад мекард. Талаб мекард, ки омӯзгор бо кӯдак таҳаммулпазирона муносибат намояд. Дар илми педагогии рус мушкилоти ташкили омӯзиш чун муоширати фаъоли омӯзгору хонанда ҳанӯз дар қарни XVIII эътирофи умум ёфта буд. М.В.Ломоносов дар асари худ («Краткое руководстве к красноречию») «Дастури мухтасар оид ба хушсуханӣ» зарурати ташкили чунин сӯҳбатро қайд карда буд, ки дар он хонандагон бо шавқ, бо хоҳиши худ бе ягон маҷбурӣ кор мекунанд» [9, с.167-168].

Дар нимаи дуюми қарни XIX дар Русия самти муайяне, ки ҷанбаи иҷтимоии фаъолияти хонандаву омӯзгорро дар маркази диққат гузошт, ба миён омад. Аниқтараш, ҷанбаи ҳамкории тарафайни онҳо ва раванди воқеии тарбия, ки дар мафҳуми «муошират» инъикос гардидааст.

Ба масъалаи фавқуззикр аз аввалинҳо шуда инқилобчиёни рус-демократҳо В.Г.Белинский, Н.И.Добролюбов, Н.Г.Чернишевский эътибори ҷиддӣ додаанд. Онҳо чунин меҳисобиданд, ки дар муошират иқтидоргароӣ (авторитаризм), расмиятчигӣ ва бефарқӣ набояд бошад. Аммо, дар он хушёрии омӯзгор нисбат ба хонанда, поквиҷдонӣ, болидарӯҳӣ, боодобӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои зоҳир шудани шавқмандӣ, худкорӣ ва худташкилкунии кӯдакон» [3, с.13] дида мешавад.

Дар бораи боадабона ва боэҳтиромона муносибат кардан бо кӯдакон Н.А.Добролюбов чунин навишта буд: «Санъати муомила бо кӯдаконро бо таври дидактикӣ додан мумкин нест. Метавон танҳо заминаро нишон дод, ки дар асоси он тасдиқи худро ёбад. Бинобар он ба фикри мо омӯзгор бояд муҳимтар аз ҳама эҳтиром ба табиати инсонии кӯдакон, фароҳам овардани шароити рушди озоду мӯътадил, дуруст фаҳмидани чизҳо, эътиқоди зиндаву дуруст ҳосил кардан, маҷбур намудан, то ки бошуурона амал кунад, эҳтиром ба некиву ҳақиқатро ба инобат

гирад» [3, с.31-48]. Ин мавзӯъро В.Г.Белинский нисбатан фарохтар баррасӣ намуда гуфтааст, ки: «Шахсияти инсон табиатан ҷудоӣ танҳоиро дӯст надорад, ташнаи ҳамдардиву боварӣ ба нафс аст. Василаву миёнрави тарбия бояд муҳаббат, ҳадаф инсонигарӣ бошад» [2, с. 73-79].

Олимон Н.И.Пирогов ва К.Д.Ушинский чунин меҳисобиданд, ки муносибати омӯзгорон бо тарбиятгирандагон ба раванди тарбия таъсири ҳалкунанда ва аз он самаранокиашон вобастагии зиёд дорад. К.Д.Ушинский қайд мекард, ки: «…таъсири шахсияти тарбиятгар ба рӯҳияи насли ҷавон қувваеро ба вуҷуд меорад, ки онро наметавон бо адабиёти таълимӣ, панду ҳикмату насиҳат ва на бо ҷазодиҳиву ҳавасмандсозӣ иваз кард» [13,с.221]. Ӯ чунин меҳисобад, ки: «қувваи тарбия танҳо аз сарчашмаи зиндаи шахсияти инсон ба вуҷуд мeояд. Ягон оинномаву барнома, ягон организми сунъии муассиса бо вуҷуди бисёр маккорона фикр карда баромадан, дар кори тарбия шахсиятро иваз карда наметавонад». Маҷбур мекард, ки хусусиятҳои фардии бачагон, зарурати донистани қонунҳои равонии бачагон аз тарафи мураббӣ ҳаматарафа ба инобат гирифта шавад [13, с.102]. Чунин нишондиҳандаҳо ба монанди «таҳаммулпазирӣ, некӣ, чусту чолокӣ вақти дарс додан, аҳли синфро ба худ ҷалб ва тобеъ карда тавонистан, қувваю самимияти лаҳн, дуруст фаҳмонидану возеҳ ва мухтасар гуфта тавонистан, ба таври намунавор хондан ва худро бо сарбаландӣ нигоҳ дошта тавонистан» вақти баҳогузорӣ ба дарс асоситарин ба ҳисоб мерафт. К.Д.Ушинский чунин меҳисобад, ки муошират педагогӣ «ҷиддӣ вақти шӯхӣ, мулоиматӣ бедурӯғкорӣ, адолат бехӯрдагирӣ ва некӣ бе заифӣ»-ро мемонад [13, с.93].Муошират педагогии Л.Н.Толстой дар заминаи принсипҳои инсондӯстии баланд, «воқеият», боварӣ бунёд шудааст: «Сухан яке аз роҳҳои табиӣ паҳншудаву сабуки интиқоли тафаккур афкор буда, мутаассифона, тарбия-басо назарфиреб аст. Бинобар ин дар тарбия фиреб кардан басо хатарнок аст, имконияти ҳақиқиву беҳтарину истисноӣ воситаи он намунаи ибрати шахсии мураббӣ буду ҳаст» [12, с.279-280]. Олим А.Н.Чалов зарурати умумияти ахлоқии хонандаву омӯзгор, ҳамкории эҷодии онҳо дар раванди таълиму тарбияро қайд кардааст. Вай ҳадафи аслии тарбияро таҷалии кӯшишу ғайрат барои худсозии ҷаҳони ботинию ахлоқӣ, «ҳирси ботинии инсон» меҳисобад. А.Н.Чалов дар институти «тарбиятгари ахлоқ» қобилияти мутобиқсозии таълимоти суннати бо шароитҳои нави зиндагӣ қадр мекард. «Нахи нукраии воқеие, ки омӯзгорро бо шогирд мепайвандад, оҳанрабои бузурги дил аст. Иттиҳоди омӯзгору шогирд ҷавҳари ҳама таҳаввулотро тасдиқ месозад. Бачагон ҳеҷ гоҳ нафареро, ки худро бо онҳо баробар донист, фаромӯш намекунанд» [14, с.89]. Таҷриба ва таҳлили кор ба мо нишон медиҳад, ки таваҷҷӯҳ дошта бошем,ки таърихи педагогикаи пешқадам ба мушкилоти муошират педагогӣ ва нақши он дар раванди таълиму тарбия шавқи устуворе дошт.

Самти муҳим дар тайёр кардани омӯзгорони шӯравӣ дар солҳои 20-уми қарни гузашта тарбияи ғоявию сиёсӣ махсуб меёфт, ки асоси онро фалсафаи марксистӣ-ленинӣ ташкил медод. Дар ин давра нақша ва барномаи ягона вуҷуд надошт. Чархи омӯзиш бо моҳияти бисёрфанниаш шарҳу тавзеҳ мешуд. Диққати асосӣ ба тайёрии назариявӣ дода шуда, танҳо дар ҷамъбаст таълим ба роҳ монда мешуд. Н.К.Крупская он солҳо барномаи педагогикаро барои мактабҳои олӣ сахт танқид кард. Зеро дар он масъалаи рушди организми инсонӣ хусусиятҳои синнусолии бачагон дида намешуд. Таъсири муҳит, сохти иҷтимоии оила, нақши ташкилии мактаб, таъсири он ба оила, муҳиту кӯдак инкор мешуд. Аз рӯи ақидаи Н.К.Крупская ин ҳама «дар барномаи оҷиз оварда шуда, мактабро ба муассисаи гӯшанишинӣ табдил медиҳанд» [С. 24-25]. Мушкилоти тарбиявии солҳои 30-юми қарни XX низ муҳим ба ҳисоб мерафт. Он дар осори олимони давраи шӯравӣ С.Т.Шатский, А.С.Макаренко, ва В.А.Сухомлинский баррасӣ шудааст. Масалан, В.А.Сухомлинский ҳолатҳои зиёди муошират тарбиятгарро бо тарбиягирандагон ва байни худ тавсифу таҳлил кардааст. Дар асарҳои пешин ба зарурати баробарии пурра дар муносибатҳои байни бачагону калонсолон маҷбур карда, дертар масъалаҳои методиву малакаи таъсири педагогиро таҳия кард. Муносибатҳои шахсии байни бачагонро омӯхта, роҳҳои идоракуниашонро пайдо намуд [11,с.126]. Аммо, ба мушкилоти муошират педагогӣ аз ҳама дида олим А.С.Макаренко наздиктар шуд. Ӯ ин мушкилотро чун муаммои назариявии махсус баррасӣ накарда, вале ҷанбаҳои зеринро тавсиф кардааст: нақши муошират дар раванди барқароршавии коллектив, мушкилоти муносибатҳои кориву байнишахсӣ дар коллектив, ҳамкории ҷомеаи шогирдон бо омӯзгорон. Аз ҷумла, дар «Лексия дар бораи тарбияи бачагон» ӯ навиштааст: «Камтарин тағйирот дар оҳанги корро кӯдак мебинаду эҳсос мекунад. Камтарин тағйиротро дар оҳанг, тамоми гардишҳои андешаи шумо бо роҳҳои номаълум то ба вай расида меравaнд, аммо шумо ӯро эҳсос намекунед. Тарбияи бачагон оҳанги басо ҷиддӣ, оддӣ ва самимиро талаб мекунад. Камтарин илова шудани дурӯғ, сохтакорӣ, масхарабозӣ, сабукандешӣ

кори тарбияро ба нокомӣ мебарад» [10, с.63-65]. Дар ин ҳолат фарҳанги педагог дар ташаккули шахсияти мактаббача нақши муҳим доштанаш аниқ аст. Дар рисолаи «Баъзе хулосаҳо аз таҷрибаи педагогии ман» А.С.Макаренко менависад: ман он вақт устоди ҳақиқӣ шудам, ки ибораи "ин ҷо биё"-ро бо 15-20 намуд тобишу ҷило гуфта тавонистам, вақте 20 ҳолатро дар тасвири рӯю қомат ва овоз дода тавонистам. Мураббӣ бояд ташкил карда тавонад, роҳ гашта тавонад, шӯхӣ кунад, хурсанд шуда тавонад. Ончунон худро дилгир вонамуд кунад, ки ҳар як ҳаракаташ хонандаро тарбия кунад» [10,с.175].Дар муоширати омӯзгору хонанда олим муносибати эҳтиромонаи тарафайн ва талабнокиро муҳим ҳисобидааст. Дар асарҳои олим А.С.Макаренко оид ба фарҳанги муошират дар ҷомеаи педагогӣ андешаҳои пурбаҳо оварда шудаанд. Аз ҷумла: «Дар он ҷое, ки ваҳдату ягонагӣ байни омӯзгорон вуҷуд надорад, ҷое, ки якдигарро кӯмак намекунанд, он ҷое, ки малакаи ба рафиқи худ гуфта тавонистани сухани беҷо ва хафа шудан баъди шунидани он вуҷуд надорад, ҷое, ки маҳорати фармон дода тавонистан ба рафиқи худ ва тобеъ шудан ба рафиқ вуҷуд надорад, он ҷо ҷомеаи педагогӣ вуҷуд надорад ва дошта ҳам наметавонад» [10,с.189]. Ӯ дастур додааст, ки «ягон мураббӣ ҳуқуқ надорад якка бо тарсу таваккалӣ ва гирифтани масъулият ба зиммаи худ амал кунад. Бояд, ки омӯзгорон сарҷамъона амал кунанд. Ҷое, ки омӯзгорон муттаҳид нестанду дар коллектив оҳангу мароми ягона, муносибати ягона вуҷуд надорад, он ҷо ягон намуди раванди тарбия буда наметавонад» [10, с.178]. Дар педагогикаи замони шӯравии солҳои 40-60-уми қарни гузашта ҷанбаҳои муоширати педагогӣ махсус омӯхта нашудаанд ва дар қатори мушкилоти гуногун ба монанди ташаккули коллектив, тарбияи ахлоқӣ, маҳорати педагогӣ ва ғайра омӯхта мешуданд. Бобати ин масъала олимон Л.Ю.Гордин, Б.Т.Лихачёв, Н.Н.Болдирев, И.С.Моренко, Ю.П.Азаров ва дигарон корбарӣ кардаанд. Масъалаи муоширати педагогӣ аз чунин мушкилот дар тадқиқоти олим-педагог В.А.Сухомлинский буд. Ӯ борҳо калимаи «муошират»-ро истеъмол карда, маслиҳатҳои зиёди судманд доир ба чӣ гуна будани муошират аз рӯи муҳтаво, шаклу услуб дода буд. Аз ҷумла, ӯ навишта буд, ки: «ҳар калимаи дар мактаб садо дода, бояд андешамандона, бохирадона, мақсадноку вазндор бошад». Ӯ зидди дод задан буд. Мегуфт, ки бо дод задан ба мақсади тарбияву таълим расида намешавад: «сухани омӯзгор пеш аз ҳама бояд хонандаро ором кунад» [11,с.76]. Ба андешаи В.А.Сухомлинский нишонаи обрӯи омӯзгор дар боварии бачагон ба ӯст. Хоҳиши муоширати бача бо омӯзгор чун бо дӯсту мураббиаш мебошад [11]. Дар бораи қувваи калони таъсири тарбияи калонсолон ба бачагон В.А.Сухомлинский чунин навиштааст: Ҳар калимаву ҳар ишораи мо ба ғайр аз рафторамонро кӯдак баробари дидан бааром худ чун намуна қабул мекунад. Бачагон басо ҳассосанд. Дили онҳоро ба қавле «бо ҳарфҳои хушку холӣ гарм кардан амри маҳол аст» [11, с.27].Оғоз аз солҳои 60-уми қарни гузашта муоширати педагогӣ мушкилоти алоҳида шуда монд. Ҳамзамон, он дар баробари дигар мушкилот ба монанди раванди фаъолияти шиносоӣ, тарбияи ахлоқӣ, тарбияи коллективӣ, мушкилоти ташаккули шахсият ва ғайра омӯхта мешуд. Солҳои 70-80-ум бошад, ин масъала ба худ диққати ҷиддии омӯзгорону муҳаққиқон ва омӯзгорони навоварро кашид.Олим Э.В.Иленков муносибати инсониро воситаи бузурги тарбия ва шарти муҳими барқароршавии шахсият меҳисобад: «Доираи шахсияти инсон танҳо бо доираи он вазифаҳои воқеӣ чен карда мешавад, ки дар раванди он вай пайдо ва дар доираи муайяниаш ба расмият дароварда мешуд. Дар корҳое, ки на танҳо ба шахси алоҳида дахлдор ва ҳамзамон одамони зиёди дигар дахлдоштаро низ фарқ мекунад. Ҳарчӣ доираи ин гуна одамон васеъ бошад, шахсият ҳамон андоза маънидор ва ҳамон андоза дӯсту душманонаш зиёд мешавад. Оё мехоҳед, ки инсон шахсият шавад? Пас ӯро аз ибтидо–аз бачагӣ бо чунин муносибат бо дигар одамон гузоред, ки дар байнашон на танҳо шахсият шуда тавонад, балки ба шахсият шудан маҷбур гардад. Тамоми муносибатҳоро бо одамон ташкил карда тавонад. Тавре кунед, ки ӯ тамоми он корҳои дигарон ба ҷо оварда метавонистаро аз ӯҳдааш барояд, балки аз дигарон беҳтар кунад [4,с.62]. Дар ҳамин давра инчунин дар саҳифаҳои матбуот баҳсу мунозира оид ба пурра азнавсозии сохтори маълумоти олии педагогӣ сар шуд. Он ҷо гуфта мешуд, ки «мақсади дигар сохтани инсон чун худбаҳодиҳӣ, тарбиягиранда аз як ҷониб ва худро эҳтиром кардан чун хусусияти бунёдгару барандаи сохтори муносибатҳои педагогӣ бошад, аз ҷониби дигар ба сифати нуқтаи асосии тарбияи касбии омӯзгорон–тарбиятгарон буда метавонад» [1,с.79], ки фарҳанги педагогии муоширатро дахл намуда, онро ба яке аз категорияҳои асосии фаъолияти педагогӣ табдил медиҳад.Хулосаи муҳимро дар бораи аҳамияти муошират дар рушди кӯдак олим А.А.Леонтев бароварда, чунин гуфтааст: «Кӯдак дар назди муҳити атроф як худаш танҳо намеистад. Муносибати ӯ нисбат ба олам доимо бо муносибати инсон ба дигарон барқарор аст. Фаъолияти

ӯ доимо дар муошират пайванд аст. Муошират дар шакли ниҳоии худ, дар шакли фаъолияти якҷоя ё шакли муошират шифоҳӣ ҳатто фикрӣ аз шартҳои зарурию хусусии рушди инсон дар ҷомеа иборат аст» [8,с.232]. Ҳамин тавр, омӯзиш ва таҳлили консепсияи хориҷии педагогӣ-таърихӣ имкон медиҳад хулоса намоем, ки ташкили самараноки фаъолияти таълимиву тарбиявӣ дар ҳама шаклҳои муассисаҳои таҳсилотӣ танҳо дар заминаи ташкили хуби муошират педагогӣ имконпазир аст.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Амонашвили, Ш.А. Размышление о гуманной педагогике/Ш.А. Амонашвили.- М., Изд. дом Шалвы Амонашвили, 1996. – 494с.
2. Белинский, В.Г. О детских книгах/ В.Г. Белинский //Избр. пед. соч. – М., 1982. – 460с.
3. Добролюбов, Н.А.О значении авторитета в воспитании/ Н.А. Добролюбов // Избр. пед. соч. – М., 1986. – 264с.
4. Ильенков,Э.В.Что такое личность/Э.В.Ильенков//С чего начинается личность.–М.,1979.–124с.
5. Каримова, И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы. Дисс.докт.пед.наук/И.Х.Каримова. - Душанбе, 2000.-385с.
6. Коротов, В.М. Этапы развития коллектива/В.М.Коротов// Советская педагогика.-1989.-№4.
7. Кузьмин, Е.С. Культура общения и преодоление конфликтности Социально-психологическая характеристика формирования общения и развитие контактов между людьми. Тезисы докладов всесоюзн. симпоз. / Е.С. Кузьмин//Л., 1970. – 93-93с.
8. Леонтьев, А.А. Педагогическое общение/А.А.Леонтьев.-М., Знание, 1979. – С.232.
9. Ломоносов, М.В. Краткое руководство к красноречию/М.В.Ломоносов// Полн.собр.соч.–М., 1952– т.7.–996с.
10. Макаренко,А.С.Лекция о воспитании детей/А.С.Макаренко// Пед. соч.в8т.т.4–М.,1984.– с. 65-72.
11. Сухомлинский, В.А. Мудрая власть коллектива/В.А.Сухомлинский.-М., 1975. – 226с.
12. Толстой, Л.Н. Из писем и дневников 1865-1902/Л.Н.Толстой//Полн. собр. соч. в 90т. – М., 1928-1958. т. 68. – 468с.
13. Ушинский, К.Д. Педагогические сочинения в 6 т. т.I. /К.Д.Ушинский.- М., 1988. – 386с.
14. Чалов, А.Н. О педагогической культуре учителя сельской общеобразовательной школе/А.Н.Чалов //Лекция по курсу «Введение в специальность». – Ростов-на-Дону: РГПИ, 1988. – 32с.


**REFERENCES:**


1. Amonashvili, Sh.A. Reflections on Humane Pedagogy. // Sh. A. Amonashvili. – M., Shalva Amonashvili: Publication House, 1996. - 494p.
2. Belinsky V.G. About children's books // Select. ped. op. - M., 1982. - 460s.
3. Dobrolyubov N.A. On the importance of authority in education // elected ped. essays. - M., 1986. - 264 p.
4. Ilyenkov E.V. What is personality // Where does personality begin. - M., 1979. - 124p.
5. Karimova I.Kh. Theoretical foundations of the humanization of humanitarian education of students of Tajik school. Diss.doct.ped.sci. - Dushanbe, 2000.-385p
6. Korotov V.M. Stages of team development. Sov.pedagogy.№4.
7. Kuzmin E.S. Culture of communication and overcoming conflict. Social and psychological characteristics of the formation of communication and the development of contacts between people. Abstracts of all-Union reports. sympos. //L., 1970. - 93-93p.
8. Leontiev A.A. Pedagogical communication. //M., Znanie, 1979. - P.232.
9. Lomonosov M.V. A short guide to eloquence.// Full. coll. essays. - M., 1952 - v.7. – 996p.
10. Makarenko A.S. Lecture on the upbringing of children. // Ped. essays.. in 8v.4 - M., 1984. - P.65-72.
11. Sukhomlinsky V.A. The wise power of the collective. // M., 1975. - 226p.
12. Tolstoy LN. From letters and diaries 1865-1902//Full.coll.esssays in 90v. - M., 1928-1958. v. 68. – 468p.
13. Ushinsky K.D. Pedagogical essays in 6 vols. vol. I. // M., 1988. – 386p.
14. Chalov A.N. On the pedagogical culture of a teacher in a rural general education school // Lecture on the course "Introduction to the specialty." - Rostov-on-Don: RGPI, 1988. - 32 p.